# ХУЛОСАИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷуи дараҷаи илмии номзади илмҳоги педагогӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид соли 2005 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтнппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (омӯзгори синфҳои ибтидоӣ) хатм кардааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ оғоз намудааст. Аз соли 1986 то соли 2011 дар ноҳияи Данғара ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, директори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 2, 3, 8 фаъолият намудаст. Соли 2013 ба вазифаи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара таъин гардида, то соли 2018 дар ин вазифа фаъолият намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2024 директори Литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар фаъолият намудааст. Айни замон директори Маркази рушди малакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара мебошад. Айни замон директори Маркази рушди малакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара мебошад.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид солҳои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ фаъолият намуданаш ба корҳои илмӣ рағбат пайдо намуда буд. Номбурда пайваста дар машваратҳои августӣ ва январии омӯзгорони ноҳия ва корҳои сексионии омӯзгорон оид ба масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо маърузаҳои илмӣ баромад менамуд. Ҳамин тавр, майлу рағбати Саидзода Ниёзмуҳаммад ба корҳи илмӣ зиёд гардида, бештар диққати ӯро таҳқиқи масъалаҳои тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол ҷалб менамуд. Аз ин ҷост, ки ӯ

бо маслиҳати ман мавзӯи «Ҷанбаи педагогии дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ зимни бароҳмонии корҳои таълимӣ-тарбиявӣ»-ро ба сифати диссертатсияи номзадӣ интихоб намуд.

Мавзӯи интихобнамудаи унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад аз он ҷиҳат мубрам аст, ки вазъи имрӯза дар ҷомеа зарураяти ба низом даровардани чараёни аз худ намудани арзшҳои маънавӣ-ахлоқиии насли наврасро ба миён мегузорад. Бинобар ин, дар шароити нави инкишофи ҷомеа дар назди илми педагогика ҷорӣ намудани модели нави таҳсилот гузошта мешавад, ки вазифаи он аз тарбияи шахсияти нотакрор иборат буда, дар навбати худ талаботи ҷиддӣ зоҳир намудан ба бошуурона азхудкунии сифатҳои ахлоқии насли наврасро тақозо мекунад.

Дар таҳқиқоти анҷомдодаи Саидзода Ниёзмуҳаммад тарбияи ҷуръатноки ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар байни дигар сифатҳои ахлоқӣ ҷойгоҳи махсусро касб менамояд. Унвонҷу зимни таҳқиқоти хеш зикр менамояд, ки дар бисёр мавридҳо хонандагони синфҳои ибтидоӣ бинобар сабаби беҷуръатӣ, шармгинӣ рафторҳои дурусти ахлоқӣ содир карда наметавонанд. Аз сӯи дигар аз сабаби он ки таҷрибаи ҳаётии мактаббачагони хурдсол ҳанӯз маҳдуд аст, онҳо дар иҷрои рафторҳои ахлоқӣ душворӣ мекашанд, яъне онҳо гумон мекунанд, ки оё рафтори содиркардаи онҳо дуруст аст ё не?

Мубрамии мавзуи интихобнамудаи Саидзода Ниёзмуҳаммад дар он зоҳир меёбад, ки аз ҷониби олимони ватанӣ проблемаи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, дар таҳқиқоти анҷомдодаи Саидзода Ниёзмуҳаммад асоснок кардани зарурати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малаки ҷуръатнокии ахлоқӣ ҳамчун масъалаи калидӣ маҳсуб дониста мешавад. Ба ин таҷриба ва озмоишҳои гузаронидашудаи унвонҷу гувоҳӣ медиҳанд.

Дар диссертатсия барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди муайян кардани пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии

ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; таҳияи технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол; бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ собит сохтани дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда; санҷиш ва арзёбии ҷамъбасти технологияи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол матраҳ гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти Саидзода Ниёзмуҳаммад аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бо такя ба таҳқиқотҳои педагогҳо ва психологҳои ватанию хориҷӣ таҳлили илмӣ-назариявии ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол кушода дода шудааст. Ғояи асосии диссертатсияро низ таъсири тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлқӣ ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол ташкил дода, он давра ба давра дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардидааст.

Дар давраи анҷом додани диссертатсия унвонҷӯӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои илмӣ-методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саидоид оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ 7 мақола ба нашр расонидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия интишор ёфтаанд.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар конференсиҳои илмӣ-амалии минтақавию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ омӯзгори соҳибтаҷриба ва таҳқиқгари фаъол ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон, падару модарон ва хонандагон сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхта, таҳлилу натиҷагирӣ намуда, аз худ бовиҷдонӣ,

фаъолнокӣ, иродanoкӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шӯъбаи педагогика
ва таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Ф. Гулмадов

17. 12. 2024

Имзои Ф. Гулмадовро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши кадрҳо ва
коргузории АТТ М. Саидова

**Маълумот барои тамос:** 734 024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2 gulmadov53@mail.ru